## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19-уми июни соли 2023, №7

барои сазовор донистани Давлатов Назримад Муродзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №306) рӯзи 10-уми апрели соли 2023, суратҷаласаи №22 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Назримад Муродзода 9-уми апрели соли 1989 дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2007 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси лингвистика ва муносибатҳои байнифарҳангӣ хатм кардааст. Солҳои 2018-2023 унвонҷӯйи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буда, фаъолияти кориашро аз соли 2015 ба сифати коргузори шуъбаи рӯзонаи факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оғоз кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2015 то соли 2018 дар вазифаи ассистент, аз соли 2018 ба ҳайси муаллими калони кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷума ва аз моҳи майи соли 2022 то ҳол ба ҳайси муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи ДДОТ ба номи С.Айнӣ кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна,** доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**- Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна,** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ факултети забони англисии Донишоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Олматова Шарофат Сафаралиевна, ташхисгар – номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ Фатҳуллоев Икромуддин Баротович, котиби илмии ҷаласа Янгибоева Дилноза имзо шуда ба имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми биология, профессор Давлатзода Сайфидин Хайриддин тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»)-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои

зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои бонуфузи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Давлатов Н. М. Хусусиятҳои фарққунандаи ҷумлаҳои пайрави тарзу амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021.– № 4(93). – С. 120-126.

**[2-М].** Давлатов Н. М. Нақши пайвандакҳо дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ/ Н. М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе. – 2020. – №5 (88). – С. 27-31.

**[3-М].** Давлатов Н. М. Хусусиятҳои корбурди ҷумлаҳои пайрав дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Н. М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). –Душанбе. – 2020. – № 4 (87). – С. 88-92.

**[4-М].** Давлатов Н. М. Роҳҳои корбасти пайвандакҳо дар созмонёбии ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Гузоришҳои Академияи миллиии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – №4 (016) – С. 261-265.

**[5-М].** Давлатов Н. М., Ҷаматов С. Нақши калима ва таркибҳои ҳамнисбат ҳамчун воситаи алоқа дар ташаккули ҷумлаи пайрави миқдору дараҷаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов, С. Ҷаматов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. – №3 (268). – С. 297-301.

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд:**

**[6-М].** Давлатов Н. М. Пайвандакҳо ҳамчун воситаи алоқа дар ҷумлаи пайрави миқдору дараҷаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Забони миллӣ оинаи пурҷилои таърих: мав. конфренс. илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе, 2022 – С. 39-43.

**[7-М].** Давлатов Н. М. Нақши пешояндҳои «сабаб ва мақсад» дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М.

Давлатов // Масъалаҳои мубрами филология ва методикаи таълими забонҳо: мав. конфренс. – Душанбе. - 2022. – С. 92-99.

**[8-М].** Давлатов Н. М. Мақоми пешояндҳо дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави ҳол / Н. М. Давлатов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар заминаи муоширати байнифарҳангӣ: мав. конференс. илмӣ-амал. ҷумҳур.. – Душанбе, 2021 – С. 238-240.

**[9-М].** Давлатов Н. М. Хусусиятҳои корбурди ҷумлаи пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои: мав. конфренс. илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе, 2021. – С. 30-31.

**[10-М].** Давлатов Н. М. Вижагиҳои корбасти ҷумлаи пайрави монандӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаёбии он дар забони англисӣ / Н. М. Давлатов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои: мав. конфренс. илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе, 2021 – С. 28-30.

**[11-М].** Давлатов Н. М. Нақши воситаҳои грамматикӣ дар созмони ҷумлаҳои пайрави макони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯи фарҳангҳо: мав. конфренс. илмӣ-амал. байнал. – Душанбе, 2022 – С. 128-130.

**[12-М].** Давлатов Н. М. Воситаҳои алоқаи грамматикӣ дар ҷумлаи пайрави мақсади забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯи фарҳангҳо: мав. конфренс. илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе. – 2023 – С. 46-48.

**[13-М].** Давлатов Н. М. Хусусиятҳои фарққунандаи чумлаи пайрави шарт дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, ва таҳлили муқоисавӣ-типологии забонҳо: мав. конфренс. илмӣ-амал. байнал. – Душанбе, 2023 – С. 271-279.

**[14-М].** Давлатов Н. М. Хусусиятҳои семантикию грамматикии ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои таҳсилоти олӣ: мав. конфренс. илмӣ-амал. байнал. – Душанбе, 2023. – С. 54-58.

**[15-М].** Давлатов Н. М., Ҷаматов С. Воситаҳои алоқаи грамматикӣ дар ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов, С. Ҷаматов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои таҳсилоти олӣ: мав. конфренс. илмӣ-амал. байнал. – Душанбе, 2023. – С. 59-62.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Усмониён Нозила Усмон** - номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии «Донишгоҳи давлатии Данғара». **Дар тақриз** роҷеъ ба актуалӣ будани мавзуъ, навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- муаллиф дар фасли якуми боби якуми диссертатсия, ки «Ҷумлаи пайрави тарзи амал дар забонҳои муқоисашаванда» ном дорад, бештар хусусиятҳои маъноии ин намуди ҷумлаи пайрави ҳолро таҳлил намудааст. Агар муаллиф тобишҳои маъноии ин анвои ҷумлаи пайравро баррасӣ менамуд, арзиши илмии рисола боз баландар мегардид;

- дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд (с. 5, 9, 13, 33 ва ғ.).

2. **Чоршанбиева З.А.** – номзади илми филология, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои ДТМИК. Тақриз дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эродҳо манзур гардиданд:

- агар муаллиф умумияту тафовут ва монандии ҷумлаҳои пайрави ҳолро дар шакли ҷадвал ё таблитса пешниҳод менамуд, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид;

- дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (с. 12, 14, 16, 17 ва ғ.) фикру андешаҳои муаллиф такрор омадаанд.

3. **Ҳусейнова Гулпари** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон». **Тақриз** мусбат буда, ба автореферат ва диссертатсия ду эрод гирифта шудааст:

- муаллиф дар рисола иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро баён менамуд хуб мешуд;

- дар бисёр саҳифаҳои кор андешаву назари муаллиф такрор омадаанд (саҳ. 17, 45, 65, 83…..).

4. **Гулямов Ҳайдар Қаландарович** – номзади илми филология, саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ». **Тақриз** мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- муаллиф гарчанде ки дар раванди таҳқиқи хусусиятҳои типологии ҷумлаҳои пайрави ҳол бештар ба воситаҳои грамматикии ин анвои ҷумла таваҷҷуҳ намуда бошад ҳам, таҳлили ҷойгоҳи мутобиқати шаклҳои феълӣ ҳамчун воситаи грамматикӣ дар ташаккули баъзе аз ҷумлаҳои пайрави ҳол аз назари муҳаққиқ дур мондааст;

- Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ҷой доранд (с. 7, 11, 15, 37 ва ғ.).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ, инчунин, **мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро** ҳаллу фасл намудааст, яъне, ҳадафи асосии таҳқиқ нишон додани вижагиҳои фарққунандаи ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, ҳадафи мазкур муҳаққиқро ба иҷрои вазифаҳои зерин муваффақ гардондааст:

- омӯзиши муҳимтарин тағйирот дар низоми таҳқиқи ҷумла;
- таснифи ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани вижагиҳои маъноиву сохтории ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои таҳқиқшаванда;
- муайян кардани нақши воситаҳои грамматикӣ дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои муқоисашванда;
- муайян намудани тафовут ва умумияти ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- дарёфти роҳҳои ифодаи маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои таҳқиқшаванда.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ.** Дар диссертатсия, асосан, таҷрибаи назариявии муҳаққиқони варзидаи тоҷику рус ва англис, аз ҷумла Б. Ниёзмуҳаммадов [1948; 1960; 1962], Ш.Ниёзӣ [1948], Н. Масъумӣ [1949; 1959], Д. Тоҷиев [1971; 1981], Ш. Рустамов [1964; 1983], К. Қаландаров [2004], Д. Тоҷиев [1964; 1966; 1969; 1970; 1971; 1977], Ш. Рустамов [1964; 1968; 1971], Ф.Зикриёев [1968]; М. Қосимова [1975], Д. Хоҷаев [1972], А.И. Смирнитский [1957], Ю.Р. Гепнер [1963], Б.С. Хаймович [1967], Л.Л. Иофик [1968], Б.А.Илиш [1971], Е. Н. Старикова [1985], Н.А. Кобрина [1986], Д.С.Самедов [1996], Н.Н. Тимерханова [1998], Н.С. Черникова [2007], Б. Камолиддинов [2017], М. Мирзоева [2017] ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Инчунин, дар навиштани диссертатсия ба сарчашмаҳои дигари илмӣ, ки аз ҷониби донишмандони ватаниву хориҷӣ ба таҳқиқ ва омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол бахшида шудаанд, такя карда шудааст.

**Диссертатсия дар заминаи усулҳои** тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили дистрибутивӣ, таҳлили ҷузъҳо (компонентӣ) ва таҳлили сохторӣ-маъноӣ ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур минбаъд дар омӯзиши масъалаҳои мухталифи забоншиносӣ, алалхусус, дар баррасии масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ, аз қабили таҳқиқи муқоисавии хосиятҳои сохторӣ-маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат менамояд. Натиҷаи таҳлилу баррасии мавзуъ дар омӯзиши масъалаҳои мухталифи марбут ба шохаҳои забоншиносӣ аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ, грамматика ва услубшиносӣ метавонад корбурд гардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки маводи таҳқиқи мазкур метавонад, дар раванди пажуҳиши типологӣ ва муқоисавии забонҳои хеш ва бегона, таълифу тадвини наҳви забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва ҳамчунин ҳангоми таҳияи курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Забоншиносии умумӣ» ва «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву англисӣ», «Назария ва амалияи тарҷума» истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми фардии муҳаққикро дар раванди таҳқиқ корҳои зерини анҷомдода дар бар мегирад: а) таҳлили шарҳи назариявии адабиёти илмии мансуб ба мавзуи пажуҳиш, яъне ҷумлаи пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; б) ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод аз сарчашмаи мушаххас, яъне аз асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи англисии он; в) таснифи ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои муқоисашаванда дар асоси асари фавқуззикр; дарёфти вижагиҳои монанд ва фарқкунанда ҳангоми таҳлили ҷумлаҳои пайрави ҳол; г) хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқ ба даст омаданд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки хусусиятҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳол бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, тафовуту умумияти онҳо муайян карда шудааст. Ин намуди ҷумлаи пайрав дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо такя ба пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат вобаста бо дарназардошти роҳҳои корбурди онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 19-уми июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани Давлатов Назримад Муродзода ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раисикунандаи шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Каримов Ш. Б.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Каримова Д. Н.

19.06.2023